*Бо Қарори Комиссияи тахассусии*
*назди Вазорати адлияи*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «13 » майи*
*соли 2015 тасдиқ карда шудааст*

# Низомнома оиди тартиби фаъолияти Комиссияи тахассусии назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Низомномаи мазкур тибқи боби сеюми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» таҳия гардидааст.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи мазкур ташкил ва тартиби фаъолияти Комиссияи тахассусии назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба таҳияи саволҳои имтиҳони тахассусӣ, тартиби супоридани имтиҳон, баҳогузорӣ, додан ва қатъ намудани мақоми адвокатиро муайян менамояд.
2. Комиссияи тахассусӣ ба мӯҳлати ду сол ба миқдори 9 аъзоёни комиссия мувофиқи Қонун «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвоката» ташкил карда мешавад:
   - аз Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - ду намоянда;
   - аз Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - як намоянда;
   - аз Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - панҷ адвокат, ки аз ҷониби Иттифоқи адвокатҳо интихоб карда мешаванд;
   - як намояндаи дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ дараҷаи илмӣ дошта, ки аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.
3. Аъзоёни комиссияи тахассусй - адвокатҳо аз ҷумлаи адвокатҳои баландихтисос, ки на камтар аз панҷ сол собиқаи кории адвокати дошта, дорои омодагии калони назариявӣ ва таҷрибавӣ мебошад, дар байни ҳамкорон обрӯи сазовор дорад, интихоб карда мешавад. Тартиби таъини аъзоёни боқимондаи комиссияи тахассусӣ ва талаботҳое, ки нисбати онҳо пешниҳод карда мешаванд, бо қонунгузории амалкунанда муайян мегарданд.
4. Раиси Комиссияи тахассусӣ яке аз муовинони Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи вазифа мебошад. Муовини раиси Комиссияи тахассусӣ аз ҷумлаи намояндагони адвокатҳо интихоб мешавад, котиби масъул дар маҷлиси комиссия аз ҷумлаи аъзоёни комиссия интихоб мешавад. Дар ҳолати дар маҷлис иштирок накардани раиси Комиссияи тахассусӣ, ваколатҳои вай ба муовини раиси Комиссияи тахассусӣ мегузаранд.

Раиси Комиссияи тахассусӣ:

- ба кори комиссия роҳбарӣ менамояд, сана ва вақти маҷлисро таъин мекунад;

– рӯзномаи маҷлиси комиссияро тартиб медиҳад;
– дар маҷлиси комиссия раисӣ мекунад;
– вазифаҳоро дар байни аъзоёни комиссияи тахассусӣ тақсим мекунад;
– қарор, хулоса, протоколҳои маҷлиси комиссия ва дигар ҳуҷҷатҳоеро, ки кори комиссияи тахассусиро инъикос менамоянд, имзо мекунад;
– ба муовини раиси комиссия ва аъзоёни комиссияӣ тахассусӣ оид ба фаъолияти комиссияи тахассусӣ супориш медиҳад;
– ҳуқуқ дорад, ки ба мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи кори намояндагони он - аъзоёни комиссия иттилоъ диҳад;
– ҳуқуқ дорад, ки ба Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муайян намудани андозаи мукофотонии аъзоёни комиссияи тахассусй -намояндагон аз Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод намояд;
– ба Анҷумани адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи кори комиссияи тахассусй иттилоъ медиҳад;
– дигар амалҳои вобаста ба фаъолияти комиссияи тахассусиро анҷом медиҳад.

5. Комиссияи тахассусӣ тибқи қонунгузорӣ Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ амал мекунад.

6. Ҳангоми қабул намудани қарорҳо аъзоёни комиссияи тахассусӣ ӯҳдадоранд, ки беғараз ва объективи бошанд.

7. Комиссияи тахассусӣ дар ҳолати дар ҳайати он будани на камтар аз се ду ҳиссаи аъзоёни комиссияи тахассусӣ, ки дар банди 2 Низомномаи мазкур зикр гардидаанд, ташкилёфта ҳисобида мешавад ва салоҳияти қабул кардани қарорро дорад.

8. Дар маҷлиси якуми комиссия аз ҷониби раиси он ҳуҷҷатҳое эълон карда мешаванд, ки ба ҳайати он интихоб ё таъин шудани ҳар як аъзои комиссияро тасдиқ менамоянд, муовини раис, котиби комиссияи тахассусӣ интихоб карда мешаванд, вазифаҳо дар байни аъзоёни комиссияи тахассусӣ тақсим мегардад ва Низомномаи фаъолияти Комиссияи тахассусии назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

9. Мӯҳлати ваколати ҳар як аъзои комиссияи тахассусӣ - намоянда аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо мӯҳлати ваколатҳои комиссияи тахассусии амалкунанда сарфи назар аз санаи қарори мақомоти дахлдор дар бораи таъин намудани ин намоянда ба ҳайати он маҳдуд карда мешавад. Ҳолати таъин намудани намоянда аз мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ барои кор дар комиссияи тахассусй аз ҷониби роҳбари ин мақомот (ё дигар шахси мансабдори ваколатдор) то ба раиси Комиссияи тахассусӣ дар намуди хаттӣ расонида мешавад.

10. Дар давраи гузариш аъзоёни Комиссияи тахассусӣ аз ҷумлаи намояндагони адвокатҳо бо тартиби пешбиникардаи моддаи 45 Қонун «Дар

бораи адвокатура ва фаъолияти адвоката» интихоб карда мешаванд.

11. Ба ваколатҳои комиссияи тахассусӣ масъалаҳои зерин мансубанд:

- қабул намудани қарор дар бораи роҳ додани довталаб ба супоридани имтиҳони тахассусӣ барои соҳиб шудани мақоми адвокат ё дар бораи рад намудани роҳ додан аз рӯи ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардашуда (танҳо барои давраи гузариш, ки дар моддаи 45 Қонун «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвоката» зикр гардидааст);
- таҳия ва тасдиқ кардани саволҳои имтиҳонҳои тахассусӣ;
- муайян намудани тартиби супоридани имтиҳонҳо;
- муайян намудани тартиби баходиҳӣ;
- мураттаб кардани саволҳои имтиҳонӣ аз рӯи тестҳо ва мусоҳибаи шифоҳӣ;
- қабул намудани имтиҳони тахассусӣ аз довталабони соҳиб шудани мақоми адвокат;
- қабули қарор дар бораи додани мақоми адвокат ё рад кардани додани мақоми адвокат;
- қабули қарор дар бораи қатъ кардани мақоми адвокат бо пешниҳоди Иттифоқи адвокатҳо.

## 2. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аъзоёни комиссияи тахассусӣ

12. Аъзоёни Комиссияи тахассусӣ ҳуқуқ доранд:

- бо ҳуҷҷатҳо ва маводҳое, ки барои кори комиссия заруранд, шинос шаванд;
- ба довталаби соҳиб шудани мақоми адвокат саволҳо диҳанд;
- ба комиссияи тахассусӣ ба вакти дигар мондани баррасии масъала ва қабули қарорро ба дигар маҷлис вобаста ба зарурияти талаб намудани маводҳои иловагӣ таклиф намоянд;
- дигар амалҳои пешбиникардаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ»-ро анҷом диҳанд.

13. Аъзоёни Комиссияи тахассусӣ ӯҳдадоранд:

- принсипҳои қонуният, беғаразӣ, мустақилият ва касбиятро ба роҳбарӣ гиранд;
- дар маҷлисҳои комиссияи тахассӣ овоз диҳанд. Аъзои комиссияи тахассусй наметавонад аз иштирок дар овоздиҳӣй худдорӣ намояд;
- дигар амалҳои пешбиникардаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ»-ро анҷом диҳанд;
- ба ошкоркунии маълумотҳое, ки сирри ҳаёти шахсии номзад, инчунин сирри адвокатӣ ва дигар сиррҳоро ташкил дода ба онҳо дар рафти муҳокимаи Комиссияи тахассусӣ маълум шудаанд, роҳ надиҳанд.

## 3. Ташкили кори комиссия

14.Комиссияи тахассусӣ фаъолияти худро дар асоси принсипҳои қонуният, мустақилият, ошкорбаёнӣ ва касбият амали менамояд.

15.Дар давраи байни маҷлисҳо кори комиссияи тахассусиро раиси комиссияи тахассусӣ, муовини вай ва котиби комиссия ташкил ва амали менамоянд.

16.Котиби комиссия санҷиши пешакии маводҳои барои баррасии комиссияи тахассусӣ воридшударо анҷом медиҳад, маводҳоро барои баррасӣ дар маҷлиси комиссия омода менамояд, аъзоёни комиссияро дар бораи вақт ва маҳалли гузаронидани маҷлисҳо хабардор менамояд, гузаронидани маҷлисҳоро ташкил менамояд, нигоҳдории ҳуҷҷатҳои комиссияи тахассусиро таъмин менамояд, протоколҳои маҷлисҳои комиссияи тахассусиро мебарад, дигар ваколатҳои пешбиникардаи қонунгузории амалкунанда ва низомномаи мазкурро амали менамояд.

17.Маҷлиси комиссияи тахассусиро раиси он, дар ҳолати набудани вай бошад муовини раиси комиссияи тахассусӣ мегузаронад.

18.Маҷлиси комиссияи тахассусӣ аз ҷониби раис аз рӯи зарурият, вале на камтар аз чор маротиба дар як сол даъват карда мешаванд.

19.Қарорҳое, ки аз ҷониби Комиссияи тахассусӣ қабул карда мешавад, бо протокол *(Замимай №1)* ба расмият дароварда мешаванд, ки аз ҷониби ҳамаи аъзоёни комиссия имзо карда мешавад. Дар ҳолате, ки агар ҳангоми овоздиҳӣ аъзои Комиссияи тахассусӣ фикри махсусе дошта бошад, ки аз қарори бо овоздиҳии зиёди аъзоёни дар маҷлис иштирокдоштаи Комиссияи тахассусӣ қабулшуда фарқ кунад, фикри мазкур дар шакли хаттӣ пешниҳод карда мешавад ва ба протоколи маҷлис замима карда мешавад.

20.Адвокатҳо - аъзоёни Комиссияи тахассусӣ метавонанд корро дар Комиссияи тахассусӣ бо фаъолияти адвокатӣ дар якҷоягӣ анҷом диҳанд.

21.Комиссияи тахассусӣ дорои мӯҳр ва бланкаи расмӣ мебошад *(Замимаи № 2 ва №3)*

## 4. Тартиби таҳияи саволҳои имтиҳони тасассусӣ

22.Комиссияи тахасусӣ дар ҷаласааш саволҳои имтихони тахассусиро таҳия ва тасдиқ менамояд. Саволномаи имтиҳонии таҳияшуда дар барномаи компютерӣ ҷойгир карда мешаванд ва ҳамзамон тести компютериро ташкил медиҳанд. Бо мақсади якхела набудани саволҳо барои довталабон, онҳо барои ҳар як довталаб бо таври автоматӣ дар барнома иваз карда мешаванд.

23.Тести компютерӣ аз 50 савол барои ҳар як довталаб иборат аст. Саволи тест аз худи савол ва на камтар аз се варианти ҷавобҳо иборат аст. Довтлаб бояд як варианти ҷавобро аз ҷавобҳои барои ҳар як савол пешниҳодшуда интихоб намуда, онро ба таври дахлдор қайд намояд.

24.Номгӯи саволҳо барои супоридани имтиҳони тахассусӣ барои соҳиб шудани мақоми адвокат дар сомонаи расмии Вазорати адлия ҷой дода мешавад.

Тартиби номгузории фаслҳои саволҳо ба Низомнома таҳти рақами 1 замима карда мешавад *(Қарори Комиссияи тахассусӣ аз 01 октябри соли 2015 замима мегардад)*.

## 5. Роҳ додан ба имтиҳони тахассусӣ

25.Дар давраи гузариш, то ташкили мақоми ҳудудии Иттифоқи адвокатҳо, ваколатро оид ба қабули қарор дар бораи роҳ додан ба супоридани имтиҳони тахассусӣ, Комиссияи тахассусӣ иҷро менамояд.

## 6. Тартиби супоридани имтиҳони тахассусӣ ва баҳодиҳии дониш

26.Комиссияи тахассусӣ қабули имтиҳонро тибқи талаботи Қонун «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ва Низомномаи мазкур ташкил ва амали менамояд.

27.Имтиҳони тахассусӣ барои довталабон дар ду марҳила гузаронида шуда, имтиҳони хаттӣ дар компютер аз рӯи саволнома тасдиқгардида ва сӯҳбати шифоҳиро дар бар мегирад.

28.Комиссияи тахассусӣ дониши довталабонро дар асоси натиҷаи тести дар компютер супоридашуда ва сӯҳбати шифоҳӣ баҳо медиҳад.

29. Давомнокии тестгирӣ 1 соату 30 дақиқаро ташкил менамояд. Довталабон тести компютериро ба забони давлатӣ ё ба забони муошировати байни миллатҳо бо хоҳиши худ интихоб намуда, месупоранд *(Қарори Комиссияи тахассусӣ аз 08 январи соли 2016 замима мегардад)*.

30. Баъди муайян кардани шахсияти ҳамаи довталабони дар толори имтиҳонсупорӣ буда, котиби Комиссияи тахассусӣ ба онҳо қоидаи кор дар компютерро барои иҷрои вазифаи тестӣ мефаҳмонад.

31.Ҳар як довталаб рамзи (шифри) худро мегирад ва онро ба ҷои дар компютер ҷудокардашуда ворид менамояд.

32.Агар дар рафти имтиҳон бо сабабҳои техникӣ (хомӯшии барқ, аз кор баромадани компютер ё дигар ҳолатҳо), ки гузаронидани имтиҳонро ғайриимкон мегардонад, имтиҳонсупорандагон, ба гайр аз шахсоне, ки бо роҳи зер кардани тугмачаи "Баромадан ва сабт кардан" (Exit) имтиҳонро супоридаанд, аз нав имтиҳон месупоранд. Дар ин ҳолат аз тарафи комиссияи тахассусӣ бо иштироки довталабон санад дар бораи хомӯш шудани барқ ва ё аз кор баромадани компютер тартиб дода мешавад *(Қарори Комиссияи тахассусӣ аз 01 октябри соли 2015 замима мегардад)*.

33.Баъди анҷоми тестгирӣ довталаб варақи санҷиширо бо натиҷаи тестгирӣ мегирад, ки аз ҷониби аъзоёни Комиссияи тахассусӣ имзо гузошта шудааст.

34.Имтихони тестӣ аз рӯи низоми холҳо баҳо дода мешавад. Барои ҳар як ҷавоби дуруст ба саволи тест довталаб 1 хол мегирад.

35.Натиҷаи кори ҳаррӯза ба пойгоҳи додаҳо (база данных) кӯчонида шуда, нусхаи пойгоҳи додаҳои ҳаррӯза ва барандаи иттилоот (носитель информации) кӯчонида шуда, дар сейфи махсус то 6 моҳ нигоҳ дошта мешавад.

36.Ба мусоҳибаи шифоҳӣ довталабоне, ки аз 30 хол кам гирифтаанд, роҳ дода намешаванд *(Қарори Комиссияи тахассусӣ аз 02.12.2015 с. замима мегардад).* Комиссияи тахассусй меъёри баҳодиҳии мусохибаи шифоҳи аз рӯи муайян намудани сифатҳои касбӣ, корӣ ва шахсии номзад, ки барои амали намудани фаъолияти адвокатӣ заруранд, муқаррар менамояд.

37.Сӯҳбат аз ҷониби аъзоёни Комиссияи тахассусӣ аз рӯи низоми 5 хола баҳо дода мешавад. Холи миёна аз ҷамъи умумии холҳои ҳамаи аъзоёни Комиссияи тахассусӣ муайян карда мешавад.

38.Натиҷаҳои мусохибаи шифои *баъди* гузаштани ҳамаи номзадҳои як гурӯҳ дар худи ҳамон рӯз, аз ҷониби раиси Комиссияи тахассусй, эълон карда мешаванд.

39.Аз ҷониби котиби Комиссияи тахассусӣ протокол бурда мешавад Шахсе имтиҳони тахассусиро бомуваффақият супорида ҳисоб мешавад, ки дар алоҳидагӣ 30 ва зиёда холро дар имтиҳони тестӣ *(Қарори Комиссияи тахассусй аз 02.12.2015 с. замима мегардад)* ва 3 ё зиёда холро дар сӯҳбати шифоҳӣ, сарфи назар аз миқдори умумии холҳо ба даст оварда бошад.

40. Довталабе, ки имтиҳони тахассусиро супорида натавонистааст, барои такроран супоридани он на барвақтар аз ним сол роҳ дода мешавад.

41.Довталаб баъди пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои худ ба Комиссияи тахассусӣ
барои супоридани имтиҳони тахассусӣ тавассути телефон (аз ҷумла мобилӣ), телеграмма, факс, мактуб ва равон кардани мактуб бо воситаи почтаи электронӣ
хабардор карда мешавад. Дар ҳолати бе сабабҳои ӯзрнок ҳозир нашудани довталаб
дар рӯзи муайяншудаи имтиҳон ӯ ҳамчун аз имтиҳон нагузашта ҳисобида мешавад
*(Қарори Комиссияи тахассусӣ аз 03.12.2015 с. замима мегардад).*

## 7. Қарори комиссияи тахассусӣ оид ба қабули имтиҳони тахассусӣ

42. Қарори комиссияи тахассусӣ дар бораи додани (рад кардани додани) мақоми адвокат, бо овоздиҳии оддии зиёди аъзоёни комиссияи тахассусӣ, ки дар
маҷлиси он иштирок кардаанд, бо роҳи овоздиҳӣ қабул карда мешаванд.

43.Дар ҳолати баробар будани овозҳо қароре қабулшуда ҳисоб мешавад, ки ба тарафдории он раиси Комиссияи тахассусӣ овоз додааст.

44.Қарори Комиссияи тахассусӣ бо протокол ба расмият даровварда мешавад, ки аз ҷониби ҳамаи аъзоёни комиссияи тахассусӣ имзо карда мешавад.

45.Дар протоколи маҷлиси комиссияи тахассусӣ маълумотҳои зерин дарҷ карда мешаванд:

- сана ва маҳалли гузаронидани имтиҳони тахассусӣ;

- насаб, ном, номи падари аъзоёни дар маҷлис ҳозирбудаи комиссияи тахассусӣ ва котиб;
- насаб, ном, номи падари довталабони соҳиб шудан ба мақоми адвокат;
- қарор дар бораи роҳ додани довталаб ва ё оид ба рад намудани роҳ додан ба имтиҳон;
- натиҷаи имтиҳони хаттии компютерӣ ва шифоҳӣ;
- натиҷаи овоздиҳӣ;
- қарор дар бораи супоридан ё супорида натавонистани имтиҳони тахассусӣ барои соҳиб шудан ба мақоми адвокат.

Ба протокол натиҷаҳои тести компютерӣ, инчунин фикри махсуси (агар он мавҷуд бошад) аъзои комиссияи тахассусӣ дар намуди хаттӣ замима карда мешаванд.

46. Матни ҷавобҳои хаттӣ ба саволҳо ба протокол замима карда мешаванд ва дар ҳуҷҷатҳои Комиссияи тахассусии назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати ҳисоботи қатъӣ дар давоми се сол нигоҳ дошта мешавад.

47. Қарори комиссияи тахассусӣ ба довталаб фавран баъди овоздиҳӣ эълон карда мешавад.

48. Дар сурати аз тарафи довталаб талаб намудани иқтибос аз протокол, дар мӯҳлати се рӯз ба ӯ иқтибос дода мешавад.

## 8. Додани мақоми адвокат

49. Қарори комиссияи тахассусӣ дар бораи ба довталаб додани мақоми адвокат ё дар бораи рад кардани он бояд на дертар аз ду моҳ аз рӯзи гирифтани дархости мақомоти ҳудудии адвокатҳо қабул карда шавад. Дар вақти давраи гузариш, қарори комиссияи тахассусӣ дар бораи ба доатвлаб додани мақоми адвокат ё дар бораи рад кардани он бояд на дертар аз ду моҳ аз рӯзи аз ҷониби комиссияи тахассусӣ гирифтани ҳуҷҷатҳои номзад барои соҳиб шудани мақоми адвокат кабул карда шавад.

50. Комиссияи тахассусӣ ҳуқуқ надорад ба довталабе, ки имтиҳони тахассусиро бомуваффақият супоридааст, додани мақоми адвокатро рад намояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар баъди супоридани имтиҳони тахассусӣ ҳолатҳое маълум шаванд, ки ба додани мақоми адвокат монеъ мешаванд.

51. Мақоми адвокат ба довталаб ба мӯҳлати номуайян дода мешавад ва бо синну соли муайян маҳдуд карда намешавад.

## 9. Қатъ гаштани мақоми адвокат

52. Мақоми адвокат аз ҷониби Комиссияи тахассусӣ бо пешниҳоди Иттифоқи
адвокатҳо бо асосҳои зерин қатъ карда мешавад:

- аризаи хаттии адвокат дар бораи қатъ кардани мақоми адвокат;

- эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар бораи ғайри қобили амал эътироф намудан ё маҳдуд сохтани қобилияти амалӣ адвокат;
- вафоти адвокат ё эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар бораи фавтида эълон намудани вай;
- эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар бораи гунаҳгор донистани адвокат дар содир намудани ҷинояти қасдона;
- ошкор кардани ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи 12 ва қисми 3 моддаи 21 Қонун «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ».

53. Мақоми адвокат метавонад бо қарори Комиссияи тахассусӣ бо пешниҳоди Иттифоқи адвокатҳо ва хулосаи мақомоти ҳудудии адвокатҳо дар ҳолатҳои зерин қатъ карда шавад:

- аз ҷониби адвокат иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои касбии худ дар назди ваколатдиҳанда;
- аз ҷониби адвокат вайрон кардани меъёрҳои Кодекси одоби касбии адвокат;
- аз ҷониби адвокат иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани қарорҳои мақомоти Иттифоқи адвокатҳо, ки дар доираи салоҳияти онҳо қабул карда шудаанд;
- аз ҷониби адвокат дар давоми зиёда аз чор моҳ анҷом дода натавонистани фаъолияти адвокатӣ;
- дар давоми зиёда аз 5 сол нагузаштани курсҳои такмил додан ва баланд бардоштани тахассус;
- муқаррар кардани нодурустии маълумотҳое, ки ба Комиссияи тахассусӣ тибқи талаботи қисми 2 моддаи 14 Қонун «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» пешниход карда шудаанд.

54. Қарори комиссияи тахассусӣ дар бораи қатъ кардани мақоми адвокат, бо овоздиҳии оддии зиёди аъзоёни комиссияи тахассусӣ, ки дар маҷлиси он иштирок кардаанд, бо роҳи овоздиҳӣ қабул карда мешаванд.

55. Дар ҳолати баробар будани овозҳо қароре қабулшуда ҳисоб мешавад, ки ба тарафдории он раиси комиссияи тахассусӣ овоз додааст.

56. Қарори комиссияи тахассусӣ бо протокол ба расмият дароварда мешавад, ки аз ҷониби ҳамаи аъзоёни комиссияи тахассусӣ имзо карда мешавад.

57. Дар протоколи маҷлиси комиссияи тахассусӣ маълумотҳои зерин дарҷ карда мешаванд:

- сана ва маҳалли гузаронидани маҷлиси комиссияи тахассусӣ;
- насаб, ном, номи падари аъзоёни дар маҷлис ҳозирбудаи комиссияи тахассусӣ ва котиб;
- насаб, ном, номи падари шахсе, ки мақоми адвокатии он баррасӣ карда мешавад;
- натиҷаи овоздиҳӣ;

– қарор дар бораи қатъ кардан ё накардани мақоми адвокат.

Ба протокол ҳуҷҷатҳои баррасикардашуда ва фикри махсуси (агар он мавҷуд бошад) аъзои комиссияи тахассусӣ дар намуди хаттӣ замима карда мешаванд ва дар ҳуҷҷатҳои Комиссияи тахассусии назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати ҳисоботи қатъӣ дар давоми се сол нигоҳ дошта мешавад.

58. Мақоми адвокат аз лаҳзаи қабули қарори Комиссияи тахассусӣ қатъгашта ҳисобида мешавад. Шахсе, ки мақоми адвокатиаш қатъ гаштааст, ҳуқуқ надорад, ки фаъолияти адвокатиро анҷом диҳад, инчунин мансабҳои интихобиро дар мақомоти Иттифоқи адвокатҳо ишғол намояд.

59. Қарори комиссияи тахассусӣ дар бораи қатъ кардани мақоми адвокат ё рад кардани он бояд на дертар аз ду моҳ аз рӯзи гирифтани пешниҳоди Иттифоқи адвокатҳо ва хулосаи мақомоти ҳудудии Иттифоқи адвокатҳо қабул карда шавад.

60. Дар бораи қарори тибқи бандҳои 52 ва 53 боби мазкур қабул кардашуда, комиссияи тахассусӣ дар мӯҳлати даҳ рӯз аз рӯзи қабули он дар шакли хаттӣ шахсеро, ки мақоми адвокатиаш қатъ гаштааст, ба истиснои ҳолатҳои қатъ кардани мақоми адвокат аз рӯи асоси пешбиникардаи сархати сеюми банди 52 боби мазкур, хабардор менамояд.

61. Нисбати қарори Комиссияи тахассусӣ, ки бо асосҳои пешбиникардаи бандҳои 52 ва 53 боби мазкур қабул карда шудааст, ба суд шикоят кардан мумкин аст.

## 10. Муқаррароти хотимавӣ

62. Низомномаи Комиссияи тахассусӣ, тағйиру иловаҳо ба он аз ҷониби Комиссияи тахассусӣ тасдиқ карда мешаванд.

63. Иттифоқи Адвокатҳо ва мақомоти ҳудудии он ҳуқуқ доранд, ки ба Комиссияи тахассусӣ оид ба тағйиру иловаҳо ба низомномаи мазкур таклиф пешниҳод намоянд.

64. Низомномаи Комиссияи тахассусӣ, тағйиру иловаҳо ба он аз лаҳзаи аз ҷониби Комиссияи тахассусӣ тасдиқ карда шуданашон эътибор пайдо мекунанд.

65. Низомномаи мазкур аз лаҳзаи тасдиқи он дар маҷлиси Комиссияи тахассусӣ амал мекунад.